**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ, д.и.т., профессор
Ибодуллозода А.И. ________
Сана 13.03.2026

# ХУЛОСАИ
## ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Баррасии таҳқиқоти диссертатсияи докторанти «PhD»-и кафедраи умумидонишгоҳии психология Маҷидов Парвизҷон Имомназарович дар мавзуи **«Истифодаи шароитҳои психологӣ–педагогӣ дар инкишофи муошират хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа «PhD» доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300–Психологӣ (6D050305–Психологияи педагогӣ).

Диссертатсия дар кафедраи умумидонишгоҳии психологияи назди факултети психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

Маҷидов Парвизҷон Имомназарович соли 2012 зинаи бакалавриятро аз рӯйи ихтисоси забоншинос, тарҷумони забони англисии факултети забони англисӣ (айни ҳол забони англисӣ ва забонҳои Шарқ) ва соли 2014 зинаи магистратураро аз рӯйи ихтисоси илмҳои географӣ, геоинформатикаи факултети географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо муваффақият хатм намудааст.

Номбурда соли 2019 дар кафедраи умумидонишгоҳии психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба ҳайси докторант PhD қабул шуда, дар мавзуи

“Проблемаи муоширати рушди ақлонии хонандагони синфи 1-2 дар ҷараёни таълим” зери роҳбарии дотсенти кафедраи мазкур Саидов М. ба таҳияи рисолаи илмии худ шуруъ намудааст. Аммо бо сабаби фавти дотсент Саидов М. аз 31.03.2021 дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи мазкур №9/6.2, роҳбари илмии докторант ба зимаи дотсенти кафедраи психология ва педагогикаи умумии факултети психологияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ Дадобоева Мадина Солибоевна (Солеҳзода Мадина Солеҳ) вогузор карда шуд. Инчунин дар ҳамин ҷаласа бо пешниҳоди роҳбари навтаъйин қарори ивази мавзуи докторант бо номи «Истифодаи шароитҳои психологӣ–педагогӣ дар инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим» ба тасвиб расид.

Муҳокимаи такрории диссертатсияи доктори фалсафа PhD доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300–Психологӣ (6D050305–Психологияи педагогӣ) Маҷидов Парвизҷон Имомназарович дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ сурат гирифта, хулосаи зерин бароварда шуд:

- диссертатсияи Маҷидов Парвизҷон дар мавзуи: «Истифодаи шароитҳои психологӣ–педагогӣ дар инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим» таҳқиқоти мукаммали анҷомёфта ба ҳисоб рафта, дорои аҳаммияти назариявию амалӣ ва навгониҳои назарраси илмӣ мебошад.

Диссертант дар таҳияи рисолаи илмии худ оид ба муҳтавои илмии он қайд намудааст, ки вобаста ба хусусияти хоси ҳар як давраи омӯзиш, ташаккул ва рушди муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ басо аз масъалаҳои мубрами пажуҳишӣ ба ҳисоб меравад. Ӯ муоширати хонандагон ва заминаҳои моддӣ, фазоиву вақтиро аз

вазифаҳои нав ва баъзан бағоят мураккабро низ бархурди масъалаҳои баҳсноки илмӣ мешуморад.

Муҳаққиқи рисолаи илмӣ дар шарафёбии ҳалли масъалаҳои баҳсталаб ҷиҳати дақиқнамоии руҳияи солими насли наврас, падару модар, муҳити таъсиррасони оилавӣ ва дар навбати баъдӣ кӯдакистонҳо, мактабу маорифро вазифадор мешуморад.

Бинобар ин, замони муосир, ки аз давраҳои қаблии таърихи инсоният бо рушди илму техника, ҷаҳонишавии фарҳангу маориф ва фазои иттилоотӣ тафовут дорад, аҳаммияти пажуҳиш, таҳқиқ ва дарёфти тарзу усулҳои наву такмилёфта ва самаранокии таъсиррасонӣ ба шууру андешаи мардум, махсусан, руҳияи солими насли наврас ногузир мебошад, ки дар ин самт оила ва низоми тарбияи оилавӣ низ берун аз истисно намебошанд.

Мавриди зикр аст, ки ғояҳои таҳқиқи саривақтии муоширати психологӣ, ки аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ то андозае мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифта бошад ҳам, мутаассифона то имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷуз дар таҳқиқи рисолаи мазкур дигар дар ҳеҷ сарчашмаи илмӣ ба таври кофӣ маълумот мавҷуд нест. Оид ба масъалаҳои омӯзиши масоили таҳқиқӣ ҳаминро дар кори илмии Маҷидов Парвизҷон мушоҳида намудан мумкин аст, ки ӯ масъалаҳои мавҷударо дар раванди таҳқиқоти рисолаи худ мавриди омӯзиш қарор додааст, ки ҷиҳати баррасии он низ таснифоти таҷрибавӣ гузаронида шудааст.

Рисолаи мазкур метавонад ба ҳалли масъалаҳои ҳалталаби муоширати психологӣ дар такя ба таҷрибаву таҳқиқоти озмоишӣ посухҳои мусбӣ диҳад. Таҳқиқоти мазкур дар риштаи соҳаи равоншиносии педагогӣ нақши арзандаро соҳиб аст. Муҳаққиқ масоили илмиеро, ки то имрӯз ба таври мушаххас ва мукаммал мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор нагирифта буд, дар сатҳи муайян

пажуҳиш намудааст. Дар баробари паҳлуҳои мусбии таҳқиқотии рисолаи мазкур ҳанӯз ҳам ба таври мукаммал даврабандӣ ва таснифот дида намешавад. Доир ба ин масъала, худи муҳаққиқ ҳам барои минбаъд омӯхтани ҷанбаҳои он тасмимгириҳо намудааст. Зеро то ин муддат масъалаҳои дигари омӯхташавандаи мавзуи муоширати психологӣ мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст, ки пажуҳишот нахусттаҳқиқот мебошад.

Боназардошти андешаҳои мазкур таърихи ташаккул ва рушди омӯзиши муоширати психологӣ дар ҷомеа, алалхусус хонандагони синни хурди мактабӣ (7-10-сола) бояд ҷойгоҳи махсуси худро дошта бошад, ки он ба таҳқиқи ҳамаҷониба ва асосноки илмӣ эҳтиёҷ дорад.

Мавзуи таҳқиқотии Маҷидов Парвизҷон як бахши муҳимми нақшаи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи умумидонишгоҳии психологияи назди факултети психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ маҳсуб меёбад.

Муносибати ҷиддӣ ва таваҷҷуҳи хосаи докторант нисбат ба мавзуи таҳқиқшаванда имкон додааст, ки ӯ диссертатсияи худро дар меҳвари талабот ва меъёрҳои тасдиқгардида, мувофиқи шиносномаи ихтисоси (6D050305 – Психологияи педагогӣ) таҳия намояд. Зеро тарҳрезии мақсадноки нақшаи сохтории диссертатсия ва хулосаву натиҷаҳои аз таҳлилу озмоишҳои бадастомада далели ин гуфтаҳо мебошанд.

Диссертатсия дар заминаи омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи асарҳои муҳаққиқони соҳаи равоншиносӣ ва рисолаҳои илмӣ навишта шудааст, ки ин аз истиқлоли фикрӣ ва маърифати илмии докторант дақиқан дарак медиҳад. Дар диссертатсия докторант асосҳои назариявӣ ва методологии мавзуъро хуб муайян намуда, аз ҷумла, бо роҳи таҳлили мафҳумҳои «арзишҳои муоширати психологӣ», «унсурҳои фароҳамоварии шароити муоширати психологӣ» ва

ғайраро мавриди таҳқиқу таҳлил қарор додааст. Инчунин, бо равишҳои илмӣ паҳлуҳои таҳияи намунаи ташаккули арзишҳои омӯзиши масъалаҳо дар замони муосир, ки ба инкишофи муошírати психологии кӯдакони синни хурди мактабӣ сахт мутааллиқанд, мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст.

Нуктаҳои асосӣ, хулосаву натиҷаҳои бадастомада ва тавсияҳои пешниҳодгардида таъйид мекунанд, ки доир ба сарчашмаҳои муҳим ва нодир дар ташаккул ва рушди муошírати психологӣ бояд замимаҳои таҳқиқотӣ гузошт. Ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии навоварии кор дар он зоҳир магарданд, ки хулосаву пешниҳоди илмии диссертатсия барои дар сатҳи зарурӣ ташкил намудани шароитҳо ҷиҳати омӯзиши муошírати психологӣ ва аз байн бурдани омилҳои манфии таъсиррасон, ташкили фазои мусбии тағйирдиҳанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мансубият дорад. Дар баробари ин, муқарраротӣ назариявии таҳқиқот ва натиҷаву хулосаҳои он барои омӯзиши минбаъдаи мушкилоти бағоят муҳимми иҷтимоии ҷомеаи муосири тоҷик - ташаккули арзишҳои муошírат, бунёд ва заминагузор мегардад. Дар натиҷа, ғояҳои асосӣ, хулоса ва тавсияву пешниҳоди таҳқиқотро мутахассисон, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, падару модарон дар фаъолияти таълимию тарбиявӣ, инчунин муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши соҳаи мазкур машғуланд, дар раванди пажуҳишҳои оянда истифода бурда метавонанд.

**Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои аз таҳқиқот ҳосилшуда:**

Мутобиқ ба ҳадафу вазифаҳои мавзуи таҳқиқ истифода бурдани муошírати психологӣ, шинохт ва дараҷаҳои омӯзиши он, ки дар осори илмии муҳаққиқони барҷастаи хориҷӣ аз қабили, М.И. Лисина, Зигмун Фрейд инъикос ёфтаанд, бо амиқӣ ва мукаммалии ҳаҷми маводи илмии мавриди таҳлилу арзёбӣ, ки ба пояи комёбиҳои илми

муосир устуворанд, муайян карда мешавад; ҳамзамон бо асоснокии муътамади назариявӣ-методологии ғояи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, мубрамияти ҳадафу вазифаҳо ва мутобиқ ба онҳо интихоб гардидани маҷмуи методҳои илмӣ, давомнокии боварибахши таҳқиқот, имкони гузаронидани озмоишҳои пайдарпай назоратии натиҷаҳои таҳқиқот, таҳлили шуморавию сифатии арзиши илмию омории маълумоти мавриди таҳқиқ, дар раванди фаъолияти амалӣ ва таълимӣ ҷорӣ гардидани маслиҳату тавсияҳои ироашуда, мушоҳидаҳои психологӣ ва таҷрибаи амалии касбии муаллиф таъмин мегардад.

Хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқоти докторант Маҷидов Парвизҷон ба асноди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи омори давлатӣ, натиҷаи таҳқиқоти психологӣ, инчунин, маводи чорабиниҳои илмӣ бахшида ба мавзуи таҳқиқот такя мекунанд. Тавсияҳои психологии дар диссертатсия пешниҳодгардида, арзиши баланди илмӣ-назариявӣ дошта, дар раванди фаъолияти пажуҳиши муаллиф ба ҳайси омӯзгори Донишгоҳ ва таҷрибаандӯхтаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ комилан амалӣ гардидааст.

**Муҳиммияти ҷанбаи назариявию амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки доираи тасаввуроти назариявиро оид ба моҳияти аслии арзишҳои психологӣ, ки бо арзишҳои умумибашарӣ ва этнофарҳангӣ тавъам мебошанд, васеъ мегардонад. Ҳамчунин соҳаи равоншиносии халқи тоҷик бо махзани илмии наву муосир ва амсилаи комилан ҷадиди «Истифодаи шароитҳои психологӣ–педагогӣ дар инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим» ғанӣ мегардад.

**Арзиши диссертатсия:** моҳият ва зарурати омӯзиши истифодаи шароитҳои психологӣ–педагогӣ, раванди инкишофи муоширати он дар байни хонандагони синни хурди мактабӣ ва таҳлили илмии осори

олимони бурунмарзӣ моҳияти психологии мушаххас гардонии уҳдадориҳои падару модар дар самти таълиму тарбияи фарзандон ва ташаккули арзишҳои нави одоби муошират муқаррар карда шудааст, роҳу восита ва шароитҳои беҳтаргардонии татбиқи ғояҳои арзишманди омӯзиши психологӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот барои ташаккули арзишҳо дар замони шароити ҷаҳонишавии фарҳанг ва таҳсилот, таҳдиди пайомадҳои бухрони демографии ҷаҳони муосир муайян карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва мундариҷаи асосии рисолаи илмӣ дар мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳои илмии муаллиф пурра инъикос гардида, дар ҷаласаҳои кафедраи умумидонишгоҳии психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ дар шакли маърузаи илмӣ пешниҳод ва муҳокима гардидаанд.

Вобаста ба мавзуи таҳқиқот 13 номгӯйи маводи чопӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

Муҳтавои мақолаҳои банашррасида ва автореферат ба диссертатсия пурра мувофиқат мекунанд.

## ФЕҲРИСТИ
## ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[1-М]** Дадобоева М.С, Маҷидов, П.И Мавқеи муошират дар инкишофи психикии бачагони синни хурди мактабӣ аз нигоҳи М.И. Лисина/ Дадобоева М.С., Маҷидов П.И.// Паёми Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон, Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- Душанбе 2022 №6 С. 217-222 (ISSN  2074-1847).

**[2-М]** Маҷидов П.И. Омилҳои таъсиррасонанда ба ташаккул ва инкишофи муоширати кӯдакони синни хурди мактабӣ дар оила ва мактаб, Маҷаллаи илмиву методии Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф// Душанбе 2022 С. 5-10 № 2 (38) (ISSN 2617-5620).

**[3-М] Маҷидов П.И.,** Муносибат бо калонсолонро субъективӣ паси сар кардани кӯдак. Маҷидов П.И.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Душанбе 2024 №4 -С. 275-294 (ISSN 2074-1847).

**[4-М]** Маҷидов П.И, Дадобоева М.С Муносибати волидайн бо фарзанд яке аз масъалаҳои асосии ташаккули муошират/ Маҷидов П.И., Дадобоева М.С.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Душанбе 2023 №3 С. 297-304 (ISSN 2074-1847).

**[5-М]** Маҷидов П., Омодагӣ ба мактаб- натиҷаи инкишофи психикии кӯдакони синни томактабӣ. Маҷаллаи илмӣ-пажуҳишии Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ №2- 2022 С. 187-191 (ISSN 2617-5620).

**[6-М] Маҷидов П.И.,** Тавсифи самтҳои калидии инкишофи психикии кӯдакони синни хурди мактабӣ аз нигоҳи олимони хориҷӣ. Маҷидов П.И. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Душанбе 2024 №4 С. 186-194 (ISSN 2074-1847).

## II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[7-М]** Маҷидов, П.И. Алоқаи муоширати байниҳамдигарии омӯзгор бо кӯдак/ Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бо мақсади амалӣ намудани “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои

даврai то соли 2030” 15-16- ноябр [Матн]. Душанбе 2023 Саҳ 139-140.

**[8-М]** Маҷидов П.И, Роҳҳои ислоҳи мушкилоти муоширaт дар хонандагони синни хурди мактабӣ/ Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ “Рушди забони давлатӣ дар партави гуфтугӯи фарҳангҳо” [Матн]. Душанбе 2022 Саҳ 240-242.

**[9-М]**

Маҷидов П.И, Услубҳои муоширати пешниҳодшавандаи калонсолон нисбат ба кӯдакон дар оила ва мактаб. // Маводи конференсияи илмӣ--амалии ҷумҳуриявӣ, бахшида ба “Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон” ва амалигардонии “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистан барои давраи то соли 2030”, Душанбе 2023 Саҳ 182-184.

**[10-М]** Маҷидов П, Аҳамияти иҷтимошавии хонандагони синни хурди мактабӣ дар ташаккули шахсияти инсон. // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ, бахшида ба 90-солагии таъсисёбии ДДОТ ба номи Садридин Айнӣ ва 50-солагии таъсисёбии кафедраи забонҳои хориҷиии умумидонишгоҳии ДДОТ ба номи С. Айнӣ. [Матн]. Душанбе-2021 Саҳ 79-81.

**[11-М]** Маджидов П.И, Роль общения в процессе учебной деятельности учащихся начальных классов. Забон пайвандгари тамаддунҳо. Маводҳои конференсияи илмӣ-амалиии ҷумҳуриявӣ, бахшида ба соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ. [Матн]. Душанбе 2018 Саҳ 199-201.

**[12-М]** Маҷидов П.И – Ташаккули ҷанбаи аввалини малакаҳои муошират.// Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ Ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва методикаи ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забонҳои хориҷӣ” бо мақсади амалӣ намудани “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” [Матн]. Душанбе 2023 Саҳ 27-36.

[13-M] Дадобоева М.С, Маҷидов.П.И - Омил ва сабабҳои таъсиррасонанда ба солимии психикии донишҷӯён. // Нақши ниҳодҳои иҷтимоӣ дар таълимии солимии психологии насли ояндасоз. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. [Матн]. Душанбе 2022 Саҳ 186-188.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи Маҷидов П.И. таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб ёфта, ба талаботи низомномаи «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 11-уми майи соли 2021 таҳти №936/01.4 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ мебошад.

2. Бояд қайд намуд, ки Маҷидов Марвизҷон Имомназарович 5-уми марти соли 2025 дар Шурои диссертатсионии назди ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳимоя намуда, бинобар сабаби ҷой доштани баъзе хатогиҳои имлоиву техникӣ бо фармоши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09.07.2025, №249/бд ва хоҳиши диссертант Маҷидов П. И. бозхонд гардида буд.

3. Ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи Маҷидов Парвизҷон Имомназаровичро пас аз ислоҳ намудани он эроду камбудиҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шуда буд, дубора баррасӣ намуда, ба Шурои зикргардида ҷиҳати дастгирӣ пешниҳод намуда, кори илмии мазкурро ба анҷомрасида, мубраму муҳим ва пурмуҳтаво ҳисобида, онро дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф гардида ва ба ҳамаи талаботҳои таълифи корҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ меҳисобад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 13.03.2026, протоколи №10 бо иштироки мутахассисони даъватшуда қабул гардидааст.

Дар ҷаласа ҳамагӣ 17 - нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 3 - нафар номзади илм, лаборанти кафедра ва омӯзгорон.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** «тарафдор» – 17 нафар, «зид» – нест, «бетараф» -нест.

Қарор якдилона қабул гардидааст, протоколи №10 аз 13.03.2026.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** 17 нафар.
**Натиҷаи овоздиҳӣ:** “тарафдор” – 17 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест.
**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи умумидонишгоҳии психологияи ДДОТ ба номи С.Айнӣ н.и.п; дотсент — Олимов Тағойбек

Котиби ҷаласа н.и.ф, дотсент — Саидова Барно

«Имзоҳои, Т. Олимов, ва Б. Саидоваро тасдиқ менамоям»

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Қодирзода С.М.

**Нишонӣ:** 734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Донишгоҳи давлатии омӯзгорииТоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Тел.: (+992) 372251483
Факс: (+992) 2241383
Сомона: www.tgpu.tj
13.03.2026